Лоиҳаи
«Идоракунии якҷояи
захираҳои обӣ дар
водии Фарғона»



# Ассотсиатсиаи истифодабарандагони обро чи тавр бояд созмон дод?





МАРТ 2003

Дастури амалӣ барои сафарбаркунандагони иҷтимоӣ


International Water Management Institute

Маркази илмӣ-иттилоотии Байнидавлатии комиссияи координатсионии ҳоҷагии об

# М У Н Д А Р И Ҷ А

1. ПЕШГУФТОР ........ 2

2. ЗЕРИ МАФҲУМИ АССОТСИАТСИЯИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ МО ЧИРО МЕФАҲМЕМ? ........ 2

3. ҚАДАМҲОИ АМАЛӢ БАРОИ ТАЪСИСИ АИО ........ 4

Давраи 1 ........ 4
Давраи 2 ........ 5
Давраи 3 ........ 5
Давраи 4 ........ 6
Давраи 5 ........ 7
Давраи 6 ........ 8
Давраи 7 ........ 9
Давраи 8 ........ 9
Давраи 9 ........ 10
Давраи 10 ........ 11

4. ҶАДВАЛҲОИ КЎМАКРАСОН АЗ РЎИ ҶАНБАҲОИ МУХТАЛИФИ АИО ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН (17 ҶАДВАЛ) ........ 12

# 1. Пешгуфтор

Таҷрибаи Осиёи Марказӣ нишон дод, ки дар гузашта Ассотсиатсияи истифодабарандагони об бо усули «аз боло ба поён» (яъне ташаббус ва созмони он аз боло бармеояд) ва бо баробари ин ҳеҷ кас бо фермерҳои оддӣ маслиҳат намекард ва ҳеҷ кас онҳоро намеогоҳид, ки онҳо аъзои Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ҳастанд. Бар замми ин чун қоида гурӯҳи намояндагони бонуфуз (одатан кумитаҳои муассисон е ки гурӯҳи ташаббускор номдор буданд) ҷараёни сохмони Ассотсиатсияи истифодабарандагони обро муайян намуда дар мақомоти хуқуқи аз қайд мегузаронданд, баъди он ҳамон худ ташаббускорон Шӯрои Ассотсиатсияи истифодабарандагони об мешуданд. Аксар вақт чунин Ассотсиатсияи истифодабарандагони об дучори бебарорӣ ё ки ҳатто ҳароҷотҳои худро дар хизматрасонии таъмини об ва истифодаю хизматрасонии техникӣ ва обёриву шабакаҳои коллекторию заҳбурҳоро пардохт карда наметавонистанд. Сабаб дар он буд, ки фермерҳои қатори худро ҳамчун соҳиби воқеии чунин ташкилот ҳис намекарданд ва бо ҳар роҳ аз пардохти хизматрасони дуркашӣ мекарданд.

Чунин таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳолате ки ҷараени таъсиси Ассотсиатсияи истифодабарандагони об «аз боло» сураи гирад, ин ташкилотҳо камқудрат мешаванду дучори бебарорӣ мегарданд. Барои халосӣ аз ин Ассотсиатсияи истифодабарандагони об бояд «аз поён» бо тариқи ҳамкорию маслиҳати бо истифодабарандагони об созмон дода шавад. Аз ин сабаб асnoи созмони Ассотсиатсияи истифодабарандагони об бояд бевосита бо фермерҳо-истифодабарандагони об кор бурдан зарур аст, то ки онҳо Ассотсиатсияи истифодабарандагони обро дуруст фаҳманд ва нафъи онро амиқ дарк намоянд. Нақшаҳои дар охир пешниҳод шуда (ҳамагӣ 17 адад) як қатор манбаъҳои зарурии амал кардани Ассотсиатсияи истифодабарандагони обро дар таҷрибаи Қирғизистон нишон медиҳад.

# 2. Зери мафҳуми Ассотсиатсияи истифодабарандагони об мо чиро мефаҳмем?

Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда созмон ва идоракунии он ба гурӯҳи истифодабарандагони об тааллуқ дошта як ё якчанд шабакаҳои гидрологиро дарбар гирифта (каналҳои дараҷаи баланди обтақсимкунӣ дошта, нисбат ба шохаҳое, ки сар то сари он бевосита истифодабарандагони об) қатъи назар аз нуқтаи ҳоҷагидорӣ ҷойгиранд. Мо дар зери истифодабарандагони об мефаҳмем онҳоеро, ки бевосита дар замин кор мекунанд, аъзоҳои алоҳидаи муассисаҳои кишоварзии иҷоравӣ, ҳоҷагиҳои ширкатӣ, соҳибони ҳоҷагиҳову фермериву деҳқонӣ ва соҳибони қитъаҳои наздиҳавлигӣ ва гайраҳо мебошанд.

Ҳамаи онҳо аъзои комилхуқуқи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об буда захираҳои молиявӣ, моддӣ, техникӣ ва башариро муттаҳид намуда барои истифода ва хизматрасонии техникии шабакаҳои коллекторию заҳбурҳо (дренажӣ) дар чаҳорчӯбаи хуқуқҳои қонуниашон дар манфиати ҳар як аъзо

маориф мекунанд. Аъзоги ба Ассотсиатсияи истифодабарандагони об аз тариқи созишнома ва ё шартнома миёни Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ва аъзоёни он ба расмият даровара мешавад. Айнан ҳамин тавр дар асоси шартнома байни Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ва ташкилотҳои ҳоҷагии об (масалан ҳоҷагии оби ноҳия) ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафайн, муддат ва микдори таъмини об ва ҳамчунин шарту меъёри пардохти пули ба операторӣ (ташкилоти ҳоҷагии об) барои хизматрасонӣ ба расмият даровара мешавад.

Аъзои Ассотсиатсияи истифодабарандагони об шуда фермерҳо аз чунин манфиатҳо бархурдор мешаванд:

- Тақсими баробари об байни ҳоҷагиҳо қатъи назар аз ҷойгиршавиашон, хоҳ дар ҷониби канал бошад, намуди моликият ва масоҳат;
- Боз ҳам беҳтар ва боваринок бо об таъминшавӣ;
- Таъминоти об хоси талаботи ҳар зироати муайяни кишоварзӣ;
- Ҳалли сарвақти баҳсу мунокишаҳо;
- Нигох доштани ҳолати техникии матлуби каналҳо (кадоме ба кам кардани мухлати обёри ва сарфи об, ҳамчунин кам кардани талафоти об);
- Кам намудани ҳолатҳои дуздидани об.

Одатан Ассотсиатсияи истифодабарандагони об дорои чунин сохтори ташкилӣ мебошад:

*МАҶЛИСИ УМУМӢ*,
ки иборат аз ҳамаи истифодабарандагони об ё ки
*МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНӢ*,
ки намояндагони интихобшудаи шохаҳоро дарбар мегирад

↓

*Комиссияи тафтишотӣ*,
ки Маҷлиси умумиӣ интихоб менамояд

*Шӯрои АИО*,
ки онро Маҷлиси умумӣ интихоб менамояд ва
*Раиси он*

*Қабули қарор аз рӯи сиёсати пешгирифта*

*Комиссияи оиди ба ҳалли баҳсҳо*,
ки Маҷлиси умумӣ интихоб менамояд

↓

*Мақомоти иҷроия / Роҳбарияти АИО*
= штати кормандон, ки АИО қабул менамояд

*Идоракунии ҳаррӯза ва иҷрои вазифаҳои АИО дар ҳудуди сиёсати пешгирифта*

## 3. Қадамҳои амалӣ барои таъсиси АИО

Созмони АИО характери тадриҷӣ дорад ва чунин давраҳоро дар бар мегирад.

ДАВРАИ 1: **Ташакулли муносибатҳои дӯстона ва корҳои васеъи фаҳмондадиҳӣ дар бораи АИО, манфиати он, сохтор, нақш, вазифаҳо ва роҳҳои ташкили он дар байни фермерҳову сарваронашон, намояндаҳои ташкилотҳои хоҷагии об (ТХО), оқсақолҳо ва дигар тарафҳои асосии манотиқи хизматрасонии АИО**; ҷамъ намудани ахбороти ибтидои дар бораи фермерҳо, шакл ва андозаи хоҷагиҳо, мушкилоти асосии ба об марбута; ҷамъ намудани баёнот оиди шабакаҳои обёрикунандаи тартиби дуюм ва маҷроҳои онҳо; дар бораи шумора ва намудҳои истифодабарандагони об дар ҳар яки каналҳо, тайёр намудани нақшаҳои манотиқи хизматрасонӣ, ки кулли шабакаи обёри ва коллекторию заҳбурҳоро дар бар мегирад ( ин кор аллакай барои АИО-и идорашавандаи ӯзбекҳову тоҷикон ба сомон расонида шудааст).

Давраи мазкур ба худ гузаронидани вохӯриҳои ғайрирасмӣ бо гурӯҳҳои начандон калони фермерҳо дар сатҳи деҳа, хоҷагиҳо вобаста ба шароити маҳал, барои барқарор намудани муносибатҳои дӯстона ва шарҳи моҳияти лоиҳа, вазифаҳо ва масоили ба созмон додани АИО вобастаро дар бар мегирад. Барои ба ҷараёни муҳокима такони аввалин додан зарур аст, ки кӯтоҳ ва бо тариқи содда оиди лоиҳа ва нақшаҳои таъсиси АИО дар манотиқи иҷрошаванда корҳои фаҳмонидадиҳи бурдан лозим аст. Бо баробари ин қайд кардан ҷоиз аст, ки кадом проблемаҳои асосӣ дар хоҷагии об вучуд дорад, кадоме тавассути АИО тезтар ҳал кардани онҳо мумкин мебошад нисбати сохторҳои пешинаи мавҷуда. Баъди шарҳи муқаддимавӣ оиди лоиҳа сафарбаркунандагон бояд бештар саволҳои фермерҳоро гӯш кунанд ва ҷавобҳои мушаххас диханд. Сафарбаркунандагон чунин рафтор кунанд, ки сокинони маҳал онҳоро бегона наҳисобанду ҳамчун одамони худдӣ қабул кунанд. Ин ба фермерҳо ҳисси бовари ба сафарбаркунандагон мебахшад.

Сафарбаркунандагон бо ҳамкории сокинони маҳал-фаъолон, ки мароқ зоҳир намудаанд, бо гурӯҳҳои истифодабарандагони об дар сатҳи шоха, деҳа, хоҷагӣ вохӯриҳо гузаронанд, то ки байни фермерҳо бештар тасаввурот пайдо шавад. Ба сифати қисми зарурии ин вохӯриҳо сафарбаркунандагон барои иштирокчиён барои гузаронидани таҳлили диагностикии проблемаҳои наздашон буда кӯмак расонанд. Баъди шарҳи мухтасари лоиҳа аз фермерҳо бобати мушкилоти замини обёришавандаю оби обёрӣ пурсон шаванд. Вобаста аз шумораи иштирокчиён онҳоро ба гурӯҳҳои иборат аз 6-10 нафара тақсим намоянд, то ки онҳо тавонанд рӯйхати проблемаҳояшонро тартиб диҳанд, баъд аз ҳар гурӯҳ хоҳиш карда шавад, ки таҳлили проблемаҳо ва имкониятҳои ҳалли онҳоро мушаххас пешкаш намоянд ва ки бо он машғул шуданашонро аниқ кунанд. Дар охири чунин вохӯриҳо ба масоили умумии консепсияи лоиҳа бахшидашуда аз сокинони маҳалли хоҳиш карда шавад, ки он чиро ки дар ин ҷо омӯхтанд ба ҳамсояҳои худ расонанд, бо онҳо ҳалли проблемаҳои мавҷудаашон оиди таъсиси АИО мубоҳиса кунанд.

**ДАВРАИ 2: Муайян намудани қисматҳои асосии нақшаи хизматрасонии ирригатсионӣ ва заҳбурканӣ (дренажӣ)**

Дар рафти вохӯрии дуюм сафарбаркунандагон ба иштироккунандагони вохӯрӣ бояд натиҷаҳои таҳлилоти ташхисии проблемаҳоро, ки аз вохӯриҳои қаблина пешомада буд, манзур намоянд. Баъди чунин пешниҳод ва муҳокимаи он ба он оварад, ки «таъсиси АИО ба ҳалли баъзе ё ки ҳамаи проблемаҳо оварда мерасонад» ва «хизматрасонии обёрикунӣ бо кӯмаки АИО чиро нишон медиҳад». Зарур аст, ки чунин саволҳо дода шавад: «Вазифаҳои аввалиндараҷа кадоманд?», «Ин вазифаҳоро ки бояд иҷро намояд ва назди кӣ бояд ҳисобот диҳад?», « Барои он кӣ маблағгузори мекунад?», «Барои иҷрои вазифаҳои пешгузошташуда чӣ тавр назорат бурда мешавад?». Ҳамаи ин бояд аз як тараф барои ҳамаҷониба муҳокимаю фаҳмидан масоили ба АИО марбута мусоидат кунад ва аз тарафи дигар вазифаҳои хизматрасонии обёриро муайян намуда сабабгори таҳияи нақшаи пешакии истифодаи об гардад.

**ДАВРАИ 3: Гузаронидани мушовара бо истифодабарандагони об оиди сохтори АИО, дорои кадом сифатҳо будани намояндаҳои интихобгардида ва илова ба он чӣ тавр ин намояндагон дар ҳар шоха ба Маҷлиси умумӣ ё ки маҷлиси намояндагони АИО интихоб мегарданд**

Дар ин давра (давраи вохӯриҳову мушовараҳо) бояд масъалаҳои хоса ба сохтори ташкилӣ ва мақомоти АИО, узвият, мӯҳлати ваколати намояндагон, расмиятҳои интихоботӣ, қоидаҳо ва санадҳои дохилии меъёрӣ барои самаранок фаъолият бурдани АИО дар ҳамаи зинаҳои система. Сафарбаркунандагон ҳамчун мисол бояд барои иштирокчиёни вохӯрӣ-мушовара вариантҳои гуногуни сохторҳои ташкилӣ, оинномаҳо ва санадҳои дохилии нормативӣ ва талаботи узвияти АИО-ро манзур карда тавонанд.

Барои ин сафарбаркунандагон бояд дар ҳар деха, шоха, каналҳои обтақсимкунӣ вобаста ба вазъияти мушаххас бо мақсади маслиҳат бо истифодабарандагони об оиди нақшаҳои ибтидоии таъсиси АИО вохӯриҳо гузаронанд.

Мебояд ба ин вохӯриҳо ҳамаи истифодабарандагони оби минтақаи хизматрасонӣ, шоха, деха, ҳоҷагӣ, ки дар ин маҳал зиндагӣ мекунанд, тавасссути даъватномаи хаттӣ ё ки эълонҳо ва дигар васоити огоҳкунӣ даъват карда шаванд. Бояд боварӣ ҳосил кард, ки ҳамаи сокнинон-истифодабарандагони об аз гузаронидани вохӯрӣ оиди таъсиси АИО огоҳанд. Сафарбаркунандагон ҳамчунин дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки одатан фермерҳо ҷамъ мешаванд, ба дарҳои масҷид, кумитаи маҳалла, мағозаҳои озуқа ва ғайраҳо эълонҳо часпонанд. Гурӯҳи сафарбаркунанда бояд ҳар як истифодабари обро дар маҳалли зист огоҳонанд. Дар ҷараёни чунин вохӯриҳо баъди шарҳи мухтасар оиди манфиат, мақсади сохтори АИО ва эзоҳоти он аз ҷониби гурӯҳҳои саҳроӣ зарур аст, ки бо иштирокчиён-истифодабарони об оиди масоили зерин маслиҳат кунанд:

- Оё АИО бо фикри иштирокчиён ба ҳамаи истифодабарони об (намояндагони ҳоҷагиҳои ширкатӣ, муассисаҳои кишоварзӣ, ҳоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ, соҳибони қитъаҳои наздиҳавлигӣ) манфиатбахш мебошад?
- Кӣ узви баробарҳуқуқи АИО шуда метавонад? (Қабл аз оғози саволу ҷавоб сафарбаркунандагон таклиф пеш оранд, ки ҳамаи истифодабарони об , ки ба об ҳуқуқ доранд, аъзои баробарҳуқуқи АИО шуда метавонанд)?
- Аз ҳар шоха ба Маҷлиси намояндагони АИО чанд нафар намоянда интихоб шуда метавонад? Кай онҳо бояд интихоб шаванд? Чӣ тавр? Кӣ онҳоро интихоб мекунад?
- Чанд нафар аз Маҷлиси намояндагони АИО ба Шӯрои АИО интихоб мешаванд? Кӣ, чӣ тавр ва кай онҳоро интихоб мекунанд?
- Намояндагон кадом сифатҳоро доро бошанд?
- Чанд нафар ба комиссияти тафтишотӣ ва комиссияи оид ба ҳалли бахсҳо ворид шаванд? Мақоми ин комиссияҳо чӣ тавр бояд бошад? Кӣ, чӣ тавр ва кай онҳоро интихоб мекунад?
- Оё занҳо-фермерҳои ҳуқуқӣ истифодаи об дошта аъзои комилҳуқуқ шуда метавонанд? Агар не, барои чӣ? Тарзи пешбарии онҳо ба АИО чӣ тавр бояд бошад?
- Баъди чанд муддати Шӯрои АИО, Маҷлиси намояндагон, ё умумӣ, комиссияҳои тафтишоти ва оиди ба халли бахсҳо бояд аз нав интихоб карда шаванд?
- Ва дигар ҳамаи масъалаҳое, ки онҳо муҳокима карданӣ мешаванд, ё ки зарурият дорад.

Сафарбаркунандагон бояд ҳамеша дафтари қайди саҳрои дошта бошанд ва тамоми ҷараёни фаъолият (аз ҳамаи чорабиниҳои сафарбарӣ-иҷтимоӣ) ва таклифу дархостҳои истифодабарони об навишта шавад. Гурӯҳи саҳроӣ ҳамчунин дар дафтари худ ба вохӯрӣ чанд нафар таклиф шуда буду воқеи чанд нафар иштирок дошт, кӣ дар бораи чӣ сухан ронд, оё вохӯрӣ тахти таъсири нафарони соҳибмансаб гузашт, ё ки ҳама баробар фаъолона иштирок доштанд, оё иштирокчиён моҳияти мавзӯъро фаҳмиданд ё не ва ғайраҳоро, муфассал қайд намоянд.

**<u>ДАВРАИ 4</u>: Маҷлиси интихоби намояндагон ба гурӯҳи истифодабарони об (ГИО) дар ҳар шоха ва ба Маҷлисҳои намояндагону умумии АИО**

Сафарбаркунандагон бо иштироки фаъолонаи сокинони маҳал дар сатҳи ҳар шоха бояд силсилаи маҷлисҳоро гузаронанд. Сана, вақт ва ҷои гузаронидани маҷлисҳо бо назардошти вақти қулайи истифодабарони об муайян карда шавад. Масалан, баъзеи онҳо гузаронидани маҷлисро дар бегоҳ (барои осеб надидани кори рӯзмарраашон) хуб мешуморанд. Гурӯҳҳои саҳрои бояд оиди гузаронидани маҷлиси интихоботи барои ҳамаи истифодабарони об барои пешниҳоди номзадҳояшон шароити мутобиқ намоянд ва дар ин ҷода ба таври васеъ кор баранд. Хуб мешуд, ки 2-3 рӯз қабл аз гузаронидани маҷлис сокинони деҳаро огоҳонанд ва ба ҳар як истифодабари об хаттӣ огоҳнома фиристанд. Гурӯҳҳо ба иштироки аксарият кӯшиш ба харч диҳанд. Зеро агар аз меъёри муайянкарда 50-60 фоизи ҳамаи истифодабарон кам иштирок намояд, маҷлис ба вақти дигар

гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат иштирокчиён бо тариқ ризоият ва ҳамдигарон ба вақти дигар гузаронидани маҷлисро эълон мекунанд. Баъди ин сафарбаркунандагон тадбирҳои мушаххас ва реклом оиди маҷлиси навбати меандешанд, то ки иштироки бештари истифодабарони об таъмин карда шавад.

Дар чунин маҷлисҳо пеш аз интихоби намояндагон ба Маҷлиси умумии АИО бояд шахсеро аз гурӯҳи истифодабарони об (ГИО) барои машғул шудан бо корҳои дохилии шохаҳо интихоб кардан зарур. Масалан:

- ташкили чорабиниҳои даври оиди тоза намудани ҷӯйборҳо бо тариқи ҳашар;
- таъмини баробари тақсими об байни ҳамаи истифодабарони оби шохаҳо;
- пешгирӣ, ошкор ва ҳал намудани баҳсҳо дар шохаҳо;
- беҳтар намудани тақсимоти об дар шоха;
- ва дигар масъалаҳое, ки барои аъзои шоха манфиат мебахшад.

Бо баробари ин истифодабарони оби шоха шахсонеро интихоб мекунанд, ки манфиати онҳоро дар Маҷлиси умумӣ ва намояндагони АИО ҳимоя мекунад (агар шумораи истифодабарони об дар минтақаи хизматрасонии АИО зиёд набошад, ҳамаи истифодабарони об аъзои Маҷлиси умумӣ шуда метавонанд, дар акси ҳол аз ҳар шоха шумораи муайян кардашудаи намояндагонро барои ташкили маҷлиси намояндагон интихоб мекунанд). Дар ибтидои чунин маҷлисҳо мебояд сараввал кӯтоҳ оиди лоиҳа, самту вазифаҳо ва ваколатҳои АИО ва ашхоси интихобшавандаи арзанда бояд шарҳу эзох дод. Вобаста аз андозаи шоха шумораи истифодабарони об ва рағбати гурӯҳҳои мухталиф, истифодабарони об шумораи муайяни намояндагонро ба ҳайси аъзои маҷлиси намояндагони АИО як ва ё якчанд намояндагонро барои ҳалли масъалаҳои дохилӣ (дар ҳудуди шохаи мушаххас) мисол барои ҳалли баҳсҳо, сафарбар намудани одамон ба кори шоха) интихоб карда метавонанд.

<u>ДАВРАИ 5</u>: **Вохӯрии шиносоии Маҷлиси намояндагон**

Пас аз он ки масъулон ба ГИО ва намояндагони шохаҳо ба Маҷлиси намояндагон интихоб мешаванд, бояд ҳамаи онҳо ба вохӯрии шиносоӣ даъват шаванд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки бо ҳамдигар шинос шуда якдигарро хуб донанд. Чунин вохӯриҳо боз бо он мақсад гузаронида мешавад, ки намояндагони интихобшуда бори дигар бо ҳадафи АИО шинос ва оиди расмиятҳои интихоби аъзои Шӯрои АИО, Комиссияи тафтишотӣ ва комиссияи оид ба ҳалли баҳсҳо маслиҳатҳо гиранд ва рӯзу вақту макони гузаронидани маҷлиси интихобиро аниқ кунанд.

Иштирокдорони маҷлисро бори дигар мухтасар бобати вазифаҳои асосии зерин огоҳонидан зарур аст:

1. Муташаккилона ва дастҷамъона амал кардан дар идоракунии шабакаи обёри ва захбурҳо
2. Ғайримарказикунонии ваколат ва масъулияти идоракунӣ ва ба ихтиёри АИО супоридани онҳо
3. Нигох доштани баробарӣ аснои тақсими об

4. Таъминоти бовариноки об
5. Ташкили беҳтари роҳёбӣ ба манбаъҳои захираҳои давлатӣ, шахсӣ ва хизматрасонӣ аз тариқи ҳуқуқи гурӯҳҳои ташкилшуда
6. Худбасандагӣ

Баъд маҷлиси намояндагӣ оиди рӯз, вақт ва макони гузаронидани маҷлиси интихоботии навбатӣ қарор қабул мекунад. Хуб мешавад, ки маҷлис дар ягон маркази ҷамъиятӣ, бинои мақомоти давлатӣ, мактаб, зали варзиш ё ки дар ягон ҷои ҷамъиятӣ гузаронида шавад, ки даромадан барои ҳама кушоду бемамониат бошад.

**<u>ДАВРАИ 6</u>: Интихоби Шӯро, Раиси АИО ва аъзоёни Комиссияҳои тафтишотӣ ва оид ба ҳалли баҳсҳо**

Манфиатовар аст, ки маҷлис бо шархи мухтасар оиди корҳои то ин дам ба ҷо оварда шуда ва минбаъд чӣ тавр инкишофёбии он оғоз гардад. Сипас ба аъзоёни Маҷлиси Намояндагони АИО барои гузаронидани таҳлилоти гурӯҳӣ проблемаҳои кишоварзӣ ва обёрӣ мавҷуда ва имкониятҳои ҳалли он дар бахши шабакаҳои обёрикунанда, ки идоракунии онро АИО –и таъсисшаванда ба зимма мегирад, кӯмак расонидан лозим. Муҳокимаи мазкур ба ошкор намудани вазифаҳои асосии идоракунӣ, ки ба амали гардидани он вобаста мебошад, оварда мерасонад. Ва ин барои муайян намудани таркиби хизматрасонии обёрӣ ва нақшаи хизматрасонии обёрӣ (истифодаи об) асос мегардад.

Хуб мешавад, ки лиди сифатҳои сарваре, ки қаблан аз ҷониби аксарияти иштирокчиён муайян карда шуда буд, ёдовар карда шавад. Ҳамчунин сафарбаркунандагон бо ҷамъомадагон аҳамияти интихоботи пешистодаро муҳокима кунанд, аз кадоме дараҷаи хизматрасонии аз АИО талаб карда мешуда вобаста мебошад. Дар айни ҳол ба иштирокчиён барои зокиран байниҳамдигарӣ фурсати кофӣ додан зарур, то ки онҳо ба фикри муайян меоянд. Мунокишаи аъзоёни маҷлиси намояндагон кушоду равшан сурат гирифтанаш мумкин, бинобар ҳамин ҳам таъсири сиёсӣ аз эҳтимол дур нест. Аз ин лиҳоз сафарбаркунандагон бояд аз нав ҷамъомадагонро аз ҳадафҳои асосии АИО огоҳонанд ва манфиатҳои аз амалҳои якҷоя бармеомадаро хотиррасон намоянд. Фаҳмонидан лозим аст, ки истифодабарони об барои ѓҳалли проблемаҳои ба таъминоти об вобаста якҷоя амал кунанд, он вақт онҳо ба гирифтани хизматрасонӣ бештар имкон пайдо мекунанд нисбат ба амали алоҳидагӣ. Барои иштирокчиён бештар вақт додан лозим аст, ки то онҳо номзадҳои пешбарӣ кардаашонро муҳокима кунанд ва ба фикри ягона оянд. Бояд назардошт кард, дараҷаи пурқувватии ташкилоти навбуньёд бештар аз:

1. Дараҷаи таъсири сиёсӣ
2. Ҳини интихобот будани консенсус
3. Будани имкониятҳои баробар барои ҳама асноди қабули қарорҳо
4. То чӣ андоза ба Шӯрои АИО адолатона шохаҳои каналҳо пешкаш гардидааст, вобаста мебошад

Маҷлиси намояндагон ҳуқуқ дорад номзадҳоро бо овоздиҳии пинҳонӣ, кушод ва ё аз тариқи консенсус интихоб намояд.

Айнан чунин ҷараён дар вақти интихоби Комиссияи тафтишотӣ, комиссияи оид ба ҳалли баҳсҳо ва раисони онҳо нигоҳ дошта мешавад.

ДАВРАИ 7: Таҳияи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ

Барои қадамҳои минбаъда гузоштан барои АИО тайер кардани як қатор ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мебошад. Ин ҳуҷҷатҳо ба худ оиннома ва санадҳои меъёрии дохилии АИО, харитаҳои гуногун, нақшаи минтақаи хизматрасонӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз ҳамин қабил дарбар мегирад, ки барои ҳар мамлакат алоҳида кор карда мешавад. Сафарбаркунандагон барои тайер намудани чунин ҳуҷҷатҳо бояд кӯмак расонанд. Барои лоиҳаи «ИУВР дар водии Фарғона» чунин санадҳо аз ҷониб мутахассисони НИЦ МКВК ва IWMI тайер карда мешавад ва Шӯроҳои АИО якбора ба давраи дигар гузашта метавонанд.

ДАВРАИ 8: **Қабули оиннома, санадҳои меъёрии дохилӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо барои номнавис кардани АИО ва додани ариза барои аз қайд гузаронӣ**

Вазифаи аввалини Шӯрои АИО ин иҷро намудани вазифаи кумитаи таъсисӣ (кадоме барои додани ариза барои номнавис кардан аз номи аъзоёни АИО) дида баромадани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ (оиннома, санадҳои меъёрии дохилӣ, нақшаҳои ибтидоии истифодабарии об) ва мутобиққунонии он ба шароити маҳал. Санадҳои меъёрии дохилии ташкилот ба худ механизми динамикӣ дошта ба ҳаракат медарорад, танзим мекунад ва тартиботи муайянро дар ҳудуди ҳамин ташкилот нигоҳ медорад. Онҳо характери динамикӣ дошта, статикӣ намебошанд. Ва барои ҳамешагӣ қабул нашудааст ва аз рӯи зарурат бо қарори маҷлиси умумии намояндагон иваз шуданашон мумкин. Ягон ташкилот ба таври бояду шояд ё муддати тулонӣ фаъолият бурда наметавонад, агар устувории худро бо қоидаҳои асоснок пайваста надорад.

Сафарбаркунандагон ва иҷрокунандагони лоиҳа дар ин бобат кӯмаки техникӣ мерасонанд, бо санадҳои меъёрии дохилии намунавӣ, ки дар асоси қонунҳои амалкунанда тарҳ шуда аст, таъмин менамоянд.

Санадҳои меъёрии дохилӣ одатан чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

1. Сохтори кишт, талабот ва лимити об, обанбор, расмиятҳои тақсимот ва расонидани об ва хизматрасонии техникии шабака;
2. Ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои ашхоси мансабдор;
3. Мӯҳлат ва расмиятҳои гузаронидани маҷлисҳо;
4. Меъёрҳои узвият;
5. Қатъ намудани узвият ва ё ваколатҳои мансабӣ;
6. Аъзоҳаққӣ;
7. Ҷамъоварии маблағ;
8. Механизми ҳалли баҳсҳо;
9. Тасвиби ҷаримавӣ;
10. Ва ғайра

Сафарбаркунандагон барои фаҳмонидани ҳуҷҷатҳо ба аъзоёни Шӯро мадад расонанд, кадоме барои татбиқи амалии нақшаи обёриву дренажӣ хизматрасонии

дренажӣ бо назардошта дастурамалҳои меъёриву ҳуқуқи (агар давлат тасдиқ карда бошад) қабул мекунанд. Ҳамчунин онҳо ба Шӯро дар муҳокима ва таҳлили оқибатҳое, ки кадоме дар натиҷаи ҳаллҳои алтернативӣ ба миён меоянд ва бо ризоияти Шӯро бо санадҳои меъёрии дохилӣ бармеоянд, кӯмак расонанд.

ДАВРАИ 9: Тайёрии касби

Ҳадафи асосии ин боб аз он иборат аст, ки АИО-ро ба иҷрои супоришҳои аввалдараҷа ҳамчун ташкилоти мустақилу озод ва худидора тайёр намояд. Тайёрии касбии намояндагони он бештар бевосита дар ҷойҳои корӣ асной корҳои амалӣ ба вуқуъ мепайванданд. Эҳтимол ба намояндагони интихобшудаи АИО иҷро намудани ин вазифаҳо ба амал наояд, вале дониши мукаммал барои роҳбарии сифатнок аз болои кормандон манфиат мебахшад. Пас аз таъсиси АИО аъзои Шӯро ва кормандони штатӣ(мақоми иҷроия) бояд малакаи муайян пайдо кунанд, то ки барои идоракунии инфраструктураи обёриву дренажӣ зарур мебошад.

Бояд барномаи таълимии ҳамаи чунин мавзуъҳоро дарбар гирад:

- чен кардани шоридани об;
- тақсими об ва мониторинг;
- тайёрӣ ва амалӣ гардонидани нақшаҳои хизматрасонии техникӣ;
- тарҳрезӣ ва амалӣ гардонидани бизнес-нақша;
- идоракунии корҳои ташкилӣ;
- идоракунии молиявӣ;
- корбаст;
- таҳияи санадҳои дохилӣ;
- усулҳои сафарбар намудани захираҳо бобати истифода ва хизматрасонии техникии шабака

Ба таъмини маводҳои таълими амалӣ ва ҷалб намудани омӯзгорони соҳибтаҷрибаву бонуфуз эътибори ҷидди бояд дод. Аз ин ру мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаро ҷустуҷӯ намудан ҳатмист. Таълими амалӣ бояд беист идома ёфта зинаҳои поёниро то ГИО дарбар гирад. Ба сифати кадрҳои инструкторӣ дар зинаҳои поёни намояндагони шохаҳо, кормандони АИО, кадоме аз омӯзиш гузаштаанд, ҷалб карда шаванд, аз он сабаб, ки фермерҳо хуб мехонанд, агар ба онҳо мисли худашон фермерҳо дарс диханд.

Барномаи тайёрии касбии намояндагон ва кормандони АИО дар ин идтиҷох тибқи лоиҳаи «ИУВР-Фаргона» дар базаи шӯъбаи Ушии маркази тренингии МКВК ва маводҳои таълимоти амалӣ якҷоя бо НИИ МКВК ва IWMI ба наздикӣ интишор хоҳад шуд.

Бо вуҷуди он ки қисми зиёди фермерҳои Осиёи Марказӣ дар миқъёси шохаҳои худ идоракунии шабакаи обёриро азхуд карда бошанд ҳам, то ҳанӯз таҷрибаи идоракунии шабакаҳои тартиботаш баланди тақсимкунии ирригатсиониро надоранд. Аз ин лиҳоз ба ғайр аз ташкили омӯзиши амалӣ ва доштани маводҳои таълимӣ, яке аз тарзҳои боварибахш дар ташаккули боварии истифодабарони об асной ба зимма гирифтани масъулияти истифода ва

хизматрасонии техникии инфраструктураҳо, ташкили зиёрати онҳо ба системаи амалкунандаи ирригатсионии АИО мебошад. Барои ин дар дохил ё берун аз манотиқи Осиёи Марказӣ объектҳои мувофиқ интихоб карда гурӯҳҳо аз ҷумлаи намояндагони АИО ташкил карда барои ошнои фиристодан манфиатбахш аст, ки дар он объектҳо як қисм системаи гидромелиоративиро худи фермерҳо-истифодабарони об идора мекунанд. Аснои чунин зиёратҳо намояндагони АИО на танҳо оиди идоракунии АИО бо системаи худ, балки дар бораи масъалаҳои ташкилӣ, қоидаҳо, санадҳои меъёрии дохилӣ, усулҳои сафарбаркунии маблағ, маблағгузаронӣ барои хизматрасонии ирригатсионӣ, ҷамъ намудани маблағ ва дар оянда истифодабарии он маълумотҳои кофӣ мегиранд. Ин таҷриба дар ташаккули боварӣ ба намояндагони АИО сабаб мегирад, зеро онҳо ҳамаи онро бо чашмони худ мебинанд.

**<u>ДАВРАИ 10</u>: Гузаронидани системаи идоракунӣ ба ихтиёри АИО**

АИО саравал шартномаи типиро оид ба вай супурдани системаи ирригатсионири дида мебарояд, ба шароити маҳаллӣ мутобиқ месозад, сипас вобаста ба вазъияти мавҷуда бо супоранди ҳоҷагии об (ҳоҷагии оби ноҳия, вилоят) гуфтугузор мегузаронад.

# 4. Ҷадвалҳои кӯмакрасон аз рӯи ҷанбаҳои мухталифи АИО дар мисоли Ҷумхурии Қирғизистон (17 ҷадвал)

1. Фаъолият ва вазифаи АИО
2. Ӯҳдадориҳои АИО
3. Созмони АИО дар Қирғизистон тавассути комитети таъсисӣ
4. Мавқеи оинномаи АИО
5. **Узвият ба АИО**
6. Ҳуқуқҳои аъзоёни АИО
7. Ӯҳдадориҳои аъзоёни АИО
8. Қатъи узвият аз АИО
9. Макомоти идоракунии АИО
10. Салоҳияти истиснои мақоми олии АИО (Маҷлиси намояндагон)
11. Ҳуқуқи овоздиҳӣ дар АИО
12. Салоҳияти мақоми роҳбарикунандаи АИО (Шӯрои АИО)
13. Салоҳияти мақоми иҷроияи Шӯрои АИО
14. Мақоми назорати АИО
15. Тартиби кори комиссия оид ба ҳалли баҳсҳо
16. Манбаи даромади АИО
17. Ваколати мақоми танзимкунанда